## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатшоев Раҳматшо Ҳимматшоевич дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2024.**

Диссертатсияи мазкур ба таҳлилу баррасии ҳаёт ва фаъолияти илмӣ – омӯзгории яке аз олимони номии мо – доктори илмҳои таърих, профессор, академик Мулло Эркаев бахшида шудааст.

Мубрам будани мавзуи дар он асос меёбад, ки ин проблемаи муҳим то кунун дар чаҳорчубаи рисолаи илмӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Таҳлили саҳми олимону омӯзгорони бузурги мактабҳои олии давраи шӯравӣ яке аз вазифаҳои муҳими илми таърихи ватанӣ буда, баррасии он имкон медиҳад, ки баъзе саҳифаҳои норавшани таърихи гузаштаи соҳаи маорифи тоҷикон муайян гардида, минбаъд дар асарҳои илмӣ ворид карда шавад.

Дар кори илмӣ вобаста ба вазифаҳои муайяншуда, методҳои умумӣ ва махсус истифода гардида, маводи диссертатсия ва натиҷаҳои ҳосилшуда илмӣ мебошанд. Ба сифати заминаи иттилоотӣ сарчашмаҳои бойгонӣ, маводҳои оммавӣ, суҳбатҳо бо ҳамкабон, шогирдон ва хешу табори академик М. Эркаев васеъ истифода бурда шудаанд.

Нововарии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мақсад гузоштааст, ки бори нахуст дар илми таърихи ватанӣ дар қолаби як рисолаи илмӣ нақши академик Мулло Эркаевро дар илму маорифи ватанӣ баррасӣ ва дар асоси он бахше аз ҳодисаҳои таърихи халқи тоҷикро мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Чӣ тавре, ки аз таълифоти диссертант бар меояд, академик Мулло Эркаев зиёда аз 60 соли ҳаёти худро дар самти таълиму тарбия ва тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар мактаби олӣ дар ду муассисаи бонуфузи кишвар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин

(ҳоло ДМТ) ва Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) сипарӣ намудааст ва дар баробари ин, саҳми арзандаи хешро дар пешрафту шукуфоии давлату ҷомеа гузоштааст.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳияи курсҳои махсус дар факултетҳои гуманитарии донишкадаву донишгоҳҳои Тоҷикистон ва дар ҷараёни тарбияи ҷавонони кунунӣ муфид мебошад. Инчунин, дар ҷараёни таълифи асари дастаҷамъонаи таърихи маорифи халқи тоҷик ва навиштани дастурҳои методӣ ва ғайра метавон истифода бурд.

Бо назардошти мо, мундариҷаи рисолаи илмӣ, муқаддимаи он, мазмуни бобҳою зербобҳо, хулосаи кору рӯйхати сарчашмаҳою адабиёти истифодашуда ба талабот ҷавобгӯ буда, камбудиҳои ҷиддӣ надоранд.

Мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта пурра ҳалу фасли худро ёфтаанд. Тамоми хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда, санҷида шуда ва ҳосили андешаҳои илмӣ, фаъолияти назариявию методологии муаллиф буда, бо номи мавзӯъ, мақсаду ҳадаф ва сохтори диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи «Нақши академик Мулло Эркаев дар инкишофи илм ва маълумоти олии касбии Тоҷикистон (солҳои 40-ум – нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатшоев Р.Ҳ. – сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ мебошад.

Мудири кафедраи фанҳои
ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик
М.С. Осимӣ н.и.т., дотсент Шарофов Э.У.

30.03 2024

*Имзои Шарофов Э.У.-ро тасдиқ менамоям*
*Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои*
*махсуси ДТТ ба номи М.С. Осимӣ* *Қодирзода Н.Ҳ.*